

Нимаи дуюми рӯзи 22 марти соли 2018 дар шахри Ню Йорк дар хошияи Огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028” Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон Раиси ниходи “СММ-Об”, Президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ Чилберт Хунгборо ба хузур пазируфтанд.

Дар огози мулокот Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон Президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ Чилберт Хунгбо барои ба вазифаи Раиси ниходи “СММ-Об” таъин шуданашон табрик намуданд.

Сарвари давлат изхор доштанд, ки мо бояд ахамияти об - захираи мухими инсониро барои рушди сохахои мухталифи кишвархо ва хифзи онро барои наслхои оянда хуб дарк намоем ва Точикистон кишвари фаъол дар пешбурди масъалахои об ва муаллифи аксари ташаббусхои байналмилалӣ дар ин соха мебошад.

Раиси ниходи “СММ-Об”, Президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ Чилберт Хунгбо дар навбати худ ба хизматхои Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хамчун рохбари кишвари ташаббускору пешоханг дар самти халли мушкилоти марбут ба оби ошомиданӣ, истифодаи самараноки захирахои обӣ, захматхои хастанопазир ва талошхояшон бахои баланд дода, накш ва хузури Сарвари давлатро дар Огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028” халкунанда номиданд.

Чонибхо эълон намудани соли 2003 - Соли оби тоза, солхои 2005-2015 хамчун Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои хаёт” ва соли 2013 ба хайси “Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об”-ро аз тарафи Точикистон аз чумлаи ташаббусхои бобарор арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки хадафу вазифахои Дахсола аз рушди устувор, мудирияти хамгироёнаи захирахои об, рохандозӣ ва пешбарии барнома ва лоихахои дахлдор, тавсеаи хамкорӣ ва шарикӣ дар хама сатххо иборат мебоша ва бо итминон метавон гуфт, ки ин Дахсола низ барои расидан ба хадафи рушди устувори марбут ба захирахои об ва хифзи ин неъмати бебахо барои наслхои оянда мусоидат хохад кард.

Дар чараёни мулокот чонибхо хамчунин дигар масъалахои мавриди таваччухро баррасӣ карданд.

Дар охир Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз Раиси ниходи “СММ-Об”, Президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ Чилберт Хунгбо чихати иштирок дар Конфоронси байналмилалии сатхи баланд оид ба Дахсолаи нави байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” даъват ба амал оварданд.

Бо нишони чонибдорӣ аз талошхои чахонии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон Чилберт Хунгбо омодагии худро чихати иштирок дар Конфоронси байналмилалии сатхи баланд оид ба Дахсолаи нави байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” иброз дошт.